*Ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, бинои 121)*

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи дисертатсионии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводди дидактикии ёрирасон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мазмуни бобу фаслҳои он ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи истисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқ мебошад.

- банди 4. Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими химия дар системаҳои гуногунӣ педагогӣ.
- банди 5. Баҳодиҳи ба салоҳиятнокии касби омӯзгори фанни химия.
- банди 7. Коркарди мазмуни таълими химия.
- банди 15. Таҳлили самаранокии амалишавии барномаҳои таълимии сатҳ ва мазмуни гуногун.
- банди 18. Усулҳо, воситаҳо, шаклу техналогияи таълим, тарбия ва худомӯзӣ.
- банди 19. Таърихи ташакул, таҳлили самаранокӣ, классификатсия, оптимизатсия, коркард, татбиқи амалии усулу технологияи таълим, тарбия ва худомӯзии химия.
- банди 33. Назария ва методикаи таълими иловагӣ аз химия.
- банди 36. Омодасозии омӯзгорони фаннӣ ва кор дар системаи таълими иловагӣ аз химия мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон тамоми тадбирҳои лозимаро ба кор мегирад, ки низоми маорифи кишвар рушд карда, мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар омода намояд. Аз ин рӯ, тамоми талошҳои Ҳукумат ва Давлат ва минҷумла соҳибкорон низ барои ҳаллу фасли масоили соҳаи маориф равона шудааст. Ҳамасола дар ҷумҳурӣ даҳҳо барномаҳои наву тоза рӯйи кор меоянд, ки онҳо ҳамагӣ ба ислоҳот дар соҳаи маориф равона карда шудаанд. Яке аз чунин санадҳои муҳим ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мебошад, ки тайи ин солҳо якчанд маротиба ба он тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, то он посухгӯи тақозои давру замон бошад. Як нуктаи бисёр муҳим дар ҷараёни рушди

ҷомеа иборат аз он аст, ки акнун тамоми ниҳодҳои зинафъ ва зирабт дар масири инсонмеҳварӣ ҳаракат карда истодаанд, ин ба он маъно аст, ки акнун инсон ва ниёзҳои ӯ дар маърази тамоми сиёсатҳо ва иқдомҳои дастандаркорон қарор дорад. Инсони замони муосир аз ҳар назар озод буда, қодир ба татбиқи тамоми хостаҳои хеш буда, аз худ эҷодкорӣ ва навоварӣ нишон медиҳад. Ӯ дар масири эҷодкорӣ ҳаракат мекунад ва мо имрӯзҳо натоиҷи кори ӯро баръало эҳсос карда истодаем. Имрӯзҳо дари тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар ба рӯйи довталабон боз аст. Имрӯзҳо ҳамватанони моро дар тамоми гӯшаю канори дунё дидан мумкин аст, ки ба кору фаъолият ва таҳсилу тадрис машғул мебошанд ва ҳеҷ монеае дар ин масир вуҷуд надорад.

Вобаста ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромаду паёмҳояшон ҳамасола ба Маҷлиси олӣ ба рушди фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ аҳаммияти хосса медиҳанд. Дар ин росто дар Паёми соли 2019 омадааст: «Ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсияи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020-2040» «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шавад». Имкониятҳои химия ҳамчун фанни таълими дар ташаккули тафаккури техникию эҷодии хонандагон хеле калон буда, дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда нақши муҳим гузошта метавонад. Таълими химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии дунёфаҳмӣ ва рушди системаи ақидаҳое, ки ба дарки қонунҳои умумии табиат, вусъати тафаккурӣ инсонӣ тайёр кардани шахсоне, ки дар оянда барои бузург гардонидани иқтидори ҷумҳурӣ хизмати босазо карда метавонад, нақши арзанда мебозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

– муайян карда шуд, ки бо истифода аз технологияи мутобиқгардонии таълим метавонем сатҳи сифати дониши хонандагони синфҳои 8-9 – ро аз химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардорем;

– системаи методие кор карда шуда дар шароити камчинии вақт таълимӣ низ метавонад ба ташаккули фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагон ёрӣ расонад;

– системаи методӣ, метод ва воситаҳои таълимро дар бар гирифта натиҷанокии омӯзишро таъмин мекунанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Таҳияи маводди гуногуни дидактикӣ, ки хусусиятҳои синнусолӣ, ҳаҷм, кутоҳӣ, дастрас будан, таъмини фаъолияти фикрӣ ва қабулшаванда буданро доранд ва ба қобилияти мутобиқшавии хонандагон барои корҳои мустақилона ёрӣ мерасонанд.

2. Татбиқи манбаъҳои махсуси дидактикӣ бо назардошти талаботҳои принсипҳои мутобиқгардонӣ (адаптатсионӣ) коркард карда

шуда, ки бо назардошти зиёд кардани диққат ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, қобиляти хонандагон барои чандир будан дар таълим ва инчунин дар ҳамгиро истифода бурдани кори фардӣ ва гурӯҳӣ, равона гаштааст.

3. Методикаи дастгирии мутобиқшавии хонандагон бо истифода аз маҷмуи маводди таълимии кумакрасон, ки ҷиҳати иртиқои сифати дониши химия имконот фароҳам меорад.

4. Ташаккули тарзу усулҳои ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон дар асоси воситаҳои таълимии ёрирасон ва натиҷаи озмоиши педагогии методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро**, ахбори озмоишии педагогӣ, ки дар асоси ҳадаф ва вазифаи таҳқиқот доир карда шуда таҳлили ҳадафҳои таҷрибаи психологию омӯзгорӣ; санҷиши ҳолатҳои назариявии таҳқиқот дар ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ; хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи технологияи адаптатсионӣ таъмин менамоянд.

**Мақсади таҳқиқот:** ташкили ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8–9 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз маҷмуи маводди таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. Таҳлил кардани адабиёти педагогӣ, методие, ки ба баланд бардоштани сифати дониши хонандагони зинаи дуюми таҳсилоти умумӣ бахшида шудаанд.

2. Коркарди воситаҳои дидактикии ёрирасон ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими химия дар зинаи аввали таълими химияи МТМУ.

3. Дарёфти методикаи татбиқи маводди дидактикии ёрирасон бо истифода аз технологияи таълимии адаптатсионӣ.

4. Доир кардани озмоиши педагогӣ ва бар асоси баррасии натиҷаҳо, баҳо додан ба самаранокии равиш ва усуле, ки таҳия карда шудааст.

**Объекти таҳқиқот** рафти тадриси фанни химия дар синфҳои 8–9-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Ташкили ҷараёни таълими химия дар синфҳои 8–9 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо истифода аз маҷмуи маводди таълимӣ, ки барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз химия ёрӣ мерасонанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои муқаддима «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахши «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» иборат аст.

Рисола аз муқаддима, се боб, 9 фасл, хулоса ва адабиёти истифодашуда бо теъдоди 176 номгӯ ва замима иборат аст. Ҳаҷми асосии

рисола 167 саҳифа буда, шомили 16 ҷадвал 8 расм ва 8 диаграмма мебошад.

Оид ба моҳияти бобу фаслҳои диссертатсия:

Диссертатсия аз 3 боб иборат аст. Боби якуми диссертатсия – «**Технологияи педагогии муосир ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии таълими химия**» ном дошта, аз се зербоб, хулоса иборат аст.

Дар зербоби якум «**Адаптатсияи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун омили самаранокии таълим**» ба нақшаи мутобиқшавии хонандагон ба таълим, дар ҳаёти имрӯза, ҷамъиятӣ, ҳалли проблемаҳои дидактикӣ ва методологии таълим таҳлил карда шудааст.

Ба андешаи диссертант, дар шароити рушди ҷамъияти ҳозира талабот ба сифати таълими хонандагон, сатҳи дониш ва маҳорати онҳо то рафт баланд мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи консепсияи азнавсозии таълим, даъват менамояд, ки сифат ва муваффақиятнокии таълими фанҳои табииро баланд бардошта, нақши онҳоро дар ҳамгирои байнифаннӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, маърифати умумӣ, рушду тараққии ҳамаҷонибаи шахсияти таълимгирандагонро таъмин намоем.

Дар стандартҳо муносибатҳои нав ба таълим пешниҳод шудаанд, ки ба мазмун ва мақсади таълим мувофиқ буда, ба ҷанбаҳои башардӯстӣ, таълими равиявӣ ва таваҷҷуҳ ба шахсият, дар хонандагон ташаккул додани мустақилият, маҳорати истодагарӣ намудани нуктаи назари худ ва шунида тавонистани фикри дигарон муошират ва ғайра аҳаммияти махсусан калон ироа мегардад.

Дар зербоби дуюм «**Нақшии технологияи педагогӣ дар баланд бардоштани самаранокии таълими химия**» таҳлил карда шудааст.

Назарзода А.Ж. қайд кардааст, ки масъалаи коркард ва амалӣ намудани технологияи педагогӣ дар раванди таълим яке аз проблемаҳои асосии педагогика, дидактика ва методикаи фанҳои таълимӣ минҷумла химия дар даҳсолаи охир мебошад.

Муносибати технологӣ ба таълим тамоюлӣ муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот маҳсуб ёфта, барои аз миён бардоштани байни дархости барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа, ки талаботи шахсро дар натиҷаи омӯзиш қонеъ мегардонад, равона шудааст. Дархосту тақозои замон будан бобати боло бурдани сатҳу сифати таҳсилот ва то ба стандартҳои ҷаҳонӣ расонидани он муносибати ҷадидро рӯйи кор меорад.

Метавонем тасдиқ намоем, ки технологияи педагогӣ низоми пурраи методҳо ва воситаҳое мебошад, ки ба натиҷаҳои мақсадҳои дидактикӣ, рушди шахсияти таълимгиранда ва баланд шудани муваффақиятнокии таълими химия расиданро, нишон медиҳад.

Дар зербоби сеюм «**Мавқеи таълими фардӣ дар технологияҳои гуногуни таълимӣ**» таҳлил карда шудааст.

Ба андешаи унвонҷӯ, омӯзгор бояд дар масире ҳаракат кунад, ки шогирди ӯ соҳиби донишу маърифати баланд шавад. Дар таълимгиранда малакаю маҳоратҳои ба таври мустақилона кору фаъолият карданро

омӯзонад. Инчунин, зимни таълими фанни химия маводди таълимӣ бояд тавре ироа гардад, ки таълимгиранда имкони интихоб дошта бошад. Он вақт мо метавонем, бигӯем, ки мо дар таълими химия ва ҳар гуна фанни дигар муваффақ хоҳем шуд.

Ба андешаи диссертант бозӣ воситаест, ки имконот ва зарфияти хеле калон дорад ва чун кӯдак табиатан бозиро хеле дӯст медорад, аз ин рӯ таъсиррасонӣ тавассути бозӣ ба шуур ва зеҳни ӯ роҳи хеле наздик расидан ба ҳадафи хеш дар заминаи таълим мебошад. Инчунин бозӣ дар пайдо кардани роҳи ҳалли вазифаҳои таълимӣ таъсири мусбӣ дошта, ба хонандагон аз дарки донишҳои нав, ки пештар маълум набуд, хурсандӣ ва ҳаловат оварда, доираи эҳсосотии хонандагонро бой мегардонад. Бозиҳои дидактикӣ дар таълими тавaҷҷуҳ ба шахсият ба омӯзгор имконият медиҳад, ки хонандагонро аз рӯйи нақша ва аз рӯйи фаъолияти иҷрокунандагӣ ба эҷодкорӣ мебарад, дар бисёр ҳолатҳо муҳокимаи проблемаҳои тезу тунд барои ошкор сохтани роҳи ҳалли маърифатии он дар тасаввуроти хонанда имконият медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия «**Асосҳои методии истифодаи маводди дидактикии ёрирасон дар раванди таълими химияи муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ**» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум «**Принсипҳо ва методҳои истифодаи маводди дидактикии ёрирасон дар ҷараёни таълими химия**» таҳлил карда шудааст. Ҷараёни фаҳмидан, идрок аз мушоҳидаи зинда, дарк, қабул, дараҷаи шавқу завқ баланд мешавад. Вақте инсон ин ё он чизро мебинад ва ламс мекунад, дар ӯ эҳсосе эҷод мегардад ва сипас ин эҳсос пас аз муддате, яъне пас аз ғавру омӯзиш ба дониши мантиқӣ табдил меёбад.

Диссертант қайд кардааст, ки олами атрофи мо аз низоми азим иборат мебошад ва дар навбати хеш ҳар ҷузъи он шомили низомҳои беохири мураккабе иборат мебошанд. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки зимни таълими фанни химия ба таълимгирандагон онро дар шакли низом таълим диҳем, яъне ба онҳо ин нозукиро талқин кардан лозим аст, ки системавӣ, яъне низомнок фикр кардан барои дарки масоил ва пиёда намудани бархе аз он кумак мерасонад. Яъне хонандагони системавӣ фикр ронданро ёд гирифта битавонанд, чизҳои асосиро ҷудо карда, ба худ гирифта ҷузъҳои фарзиро сарфи назар кунанд. Дар чунин ҳолат моро лозим аст, ки принсипҳои асосии таҳлили системавиро ёд бигирем. Таҳлили системавӣ ба мо имконият медиҳад, ки қоидаҳои умумӣ, принсипҳо, қонуниятҳоеро, ба он объектҳои мавриди омӯзиш (қонуниятҳои таҳаввул барои системаи биологӣ, қонуниятҳои рушди ҷамъият ва системаҳои таърихӣ ва ҳоказо) ривоҷ меёбанд, муайян созем.

Дар зербоби дуюм «**Методика истифодаи маводди дидактикии ёрирасони хусусияти тавсиявӣ дошта барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия дар синфҳои 8-9**» таҳлил карда шудааст.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки аз таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурӣ ва берун аз он, тавсияи методистону таҳқиқотчиён истифода бурда маводди дидактикӣ – маҷмуи хусусияти дастурӣ дошта пешниҳод намудааст, ки маводди дастурии (нақшаҳо, қолабҳо, ҷадвалҳо ва дигарон) ҳаракатдиҳанда, машқдиҳанда, батартиб дароваранда назораткунандаро дар бар мегирад. Барои осон шудани истифодабарии онҳо аз тарафи хонандагон унвонҷӯ онҳоро маводди дидактикии ёрирасон (МДЁ) ном гузоштааст.

Назарзода А.Ж. дар вақти тартиб додани маводди дидактикии ёрирасон (МДЁ) хусусиятҳои синнусолӣ, ҳаҷм, кутоҳӣ, дастрас будан; таъмини фаъолияти фикрӣ ва қабулшаванда буданро (мантиқӣ ва тафаккурӣ) ба назар гирифтааст.

Ҳар як маводди дидактикии ёрирасонро новобаста аз якдигараш дар амалия таълими химия метавонем васеъ истифода барем. Вале ҳамаи маводди ёрирасони дастурӣ яке бо дигараш алоқаманд буда, адабтатсияи хонандагонро талаб менамояд. Маводди дидактикӣ ба сифати дастури такягоҳи хизмат карда, зарурияти азёдкунии механикиро аз байн мебарад ва барои беихтиёр дар ёд мондани мавод мегардад. Ҳамаи маводди ёрирасон дар асоси барномаи таълими химия ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои мувофиқ истифода бурда мешавад. Бояд қайд намуд, ки натиҷаи дуруст додани истифодаи маводди дидактикии ёрирасон аз маҳорати омӯзгори химия вобастагии калон дорад.

Дар зербоби сеюм «**Тарзи самаранокии ташкил намудани фаъолияти маърифатии хонандагон бо маводди дидактикии ёрирасон**» таҳлил карда шудааст. Мақсади асоси истифодаи таълими системавӣ адабтатсионӣ, яъне адаптатсия ба хусусияти индивидуалии хонанда; зиёд кардани вақт барои кори мустақилонаи коллективӣ ва инфиродии омӯзгор бо ҳар як хонанда ва дар амалия санҷидани методикаи истифодаи маводди дидактикии ёрирасон дар таълим химия мебошад.

Ин раванди пай дар пай ва бо ҳам алоқаманди давраҳо мебошад. Давраи якум – ҳадафи фаъолиятро бо маводди дидактикии ёрирасон мушаххас мекунанд. Таълимгирандагон бо ёрии омӯзгор тарзи корро оид ба мустақилона аз бар кардани донишҳо ва малакаю маҳоратҳоро фаҳмида мегиранд. Давраи дуюм – маълумоти муқаддимавии омӯзгор пеш аз кор кардан бо маводи дидактикӣ буда, мазмуни маводи таълимиро дар бар мегирад. Ба хонандагон дар бораи вақти ҷудо шуда, шакли ҳисобот дастур медиҳад. Дар давраи сеюм – омӯзгор ба таври васеъ ба хонандагон дар бораи тарзи кор бо маводди дидактикӣ маълумот медиҳад.

Машқ кардан бо роҳбарии омӯзгор мегузарад. Дар чунин ҳолат ба таълимгирандагон як идда супориш ироа мегардад. Таълимгирандагон дар навбати худ бо такя ба намунае, ки дастрас доранд, ба ҳаллу фасли супоришҳо оғоз мекунанд. Дар чунин мавридҳо таълимгирандагон имкон доранд, ки барои ҳалли супоришҳо ба омӯзгор муроҷиат кунанд.

Пас аз анҷоми ин корҳо марҳилаи нави раванди кор оғоз мешавад, таълимгирандагон ба мустаҳкам кардан ва тақвияти маводди омӯхташуда оғоз мекунанд. Марҳилаи баъдии кор ислоҳи камбудиҳо мебошад. Хонандагон пас аз марҳилаи ислоҳ ба иҷрои супориши нав оғоз мекунанд.

Давраи охирин ин назорат аст, ки хонандагон дониш ва маҳорати аз худ намудаи худро оид ба ин ё он мавзуъ, боб бо истифода аз маводди дидактикӣ хусусиятӣ ёрирасони дастурӣ дошта нишон медиҳанд.

Дар боби сеюм «**Озмоиши педагогии методикаи истифодаи маводди дидактики ёрирасон дар равандии таълими химия**» омӯхта шудааст, ки аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум «**Вазифаҳои озмоишӣ дар давраҳои таҳқиқот**» таҳлил карда шудааст.

Муаллиф дар давраи назариявии таҳқиқот вазифаҳои зеринро ҳал кардааст:

- маводди дидактикии ёрирасонӣ хусусияти дастури дошта кор карда шуд, ки методҳои амали кардани онро низ дар бар мегирад;

- маводди дидактикӣ барои машқ кардани хонандагон, дар ҳолати заруруи ислоҳ даровардан, назорат кардан аз тарафи омӯзгор имконият медиҳанд;

- ҳангоми коркарди маводди дидактикии ёрирасон (МДЁ) ба масъалаҳои робитаи мантиқи амалиётҳо, тарзи таҳлил, синтез ва муқоисаи натиҷаҳо диққати махсус дода шудаст;

- супоришҳо ба рушди фикррονӣ, мустақилии диққати хонандагон, ҳамкории омӯзгор ва хонанда дар раванди таълими химия мусоидат менамоянд;

- то саршавии омӯзиш омӯзгорони химияи мактабҳои интихоб шуда бо маводди дидактикии ёрирасон (МДЁ) ва методикаи истифодаи онҳо шинос карда шудаанд.

Дар зербоби дуюм «**Давраи ташакулдиҳандагии озмоиш**» таҳлил карда шудааст.

Таҳқиқоти диссертант нишон медиҳад, ки ба зиёд шудани шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои озмоишӣ ба фанни химия, интихоби дурусти мазмун, мустақилона ҷустуҷӯ ва аз худ кардани донишҳои химиявӣ, аз тарафи омӯзгорон дуруст ва дастрас фаҳмондани нақши химия дар рафти ҳаёт, пешрафти ҷамъият, иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва шахсияти бевоситаи омӯзгори химия дар азхуд намудани донишҳо, интихоби касби оянда, натиҷаи истифодаи маводди дидактикии ёрирасон ва мутобиқ шудани хонандагон ба раванди таълим вобастагии калон дорад, ки натиҷаи он баланд шудани донишҳои химиявӣ ва истифодаи онҳо дар амалия мебошад.

Дар зербоби сеюм «**Озмоиши назоратӣ (муқоисавӣ)**» таҳлил карда шудааст.

Диссертант қайд мекунад, ки кори озмоишӣ нишон медиҳад, ки дар хонандагони синфҳои озмоишӣ нисбат ба синфи назоратӣ оид ба тартиб

додани нақшаи сохти атоми элемент, муайян кардани хосияти элемент ва дараҷаи оксидшавӣ, тартиб додани оксиди элемент ва пайвастагиҳои гидрогенӣ, инчунин муқоиса карда тавонистани хосияти элемент дар давр бартарӣ доранд. Ҳисоб мекунем, ки ин бартарӣ ба методикаи таълимӣ бо истифода аз маводди дидактикии маҷмуи дар синфҳои озмоишӣ алоқаманд мебошад.

Бо истифодаи маводди дидактикӣ дар дарсҳо хонандагон бештар ба раванди таълим мутобиқ (адаптатсия) шуда, мустақилона донишҳоро азхуд менамоянд ва худро озод ҳис карда, нобовариҳо аз байн меравад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ:**

- роҳҳои беҳтар намудани кори мустақилонаи хонандагон бо ёрии маводди таълимии ёрирасон, ки баланд бардоштани сифати дониши хонандагонро аз химия таъмин мекунанд, пешниҳод карда шудаст;

- системаи мавод ва муносибатҳои маҷмуии кор карда шударо метавон дар коркарди чунин мавод доир ба фанҳои табиӣ – илмӣ истифода бурд;

- маҷмуи маводди таълимии ёрирасон ва методикаи таълими хонандагон, маҷмуи маводди таълимиро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани сифати дониши хонандагон нигаронида шудаанд;

- истифодаи маводди таълимӣ ба хонандагон барои бартараф намудани мушкилиҳое, ки ҳангоми омӯзиши зинаи аввали химия ва боло «синфи XI» яъне истифодаи вақти такрорӣ аз химия пеш меоянд, ёрӣ мерасонанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқот дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки 10 - адади онро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва боқимондаи онҳо дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд ва инчунин маводди конфренсияҳои илмӣ-назариявии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Автореферат, ки аз мазмуни асосии диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои хусусияти имлоӣ, терминологӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

2. Нақши технологияҳои рақамӣ ва захираҳои электронии таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотӣ дар рисола ба таври маҳдуд таҳлил шудааст.

3. Дар диссертатсия оид ба намудҳои гуногуни маводди дидактикӣ мисолҳо кам оварда шудааст.

4. Хуб мешуд, ки дар таҳқиқот муаллиф доир ба меъёрҳои нави арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагони МТМУ-и кишварро ба таври мушаххас мулоҳизаронӣ мекард, зеро дар МТМУ-и кишвар расман гузариш ба низоми 10-холаи арзёбӣ мавриди амал қарор дода шуда истодадааст.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои ҷойдошта ҷузъӣ буда, сифати илмии рисолаи мазкурро коста намегардонад ва ислоҳи ҳамаҷонибаи онҳо ба диссертатсия ҳусни дигар зам мекунад. Диссертатсияи номзадии Назарзода Абдузоир Жуманазар дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва амалӣ бо назардошти талаботи замон таълиф гардида, дар таълифи рисолаи илмӣ мустақилияти муаллиф баръало эҳсос карда мешавад ва корро анҷомшуда ҳисобидан мумкин аст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Назарзода Абдузоир Жуманазар дар мавзуи «Методикаи баланд бардоштани сифати дониши хонандагон аз фанни химия бо ёрии маводди дидактикии ёрирасон», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-071-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.4. Назария ва методикаи таълими химия (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст), мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои химия, профессори кафедраи
химияи органикӣ ва биологии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Раҷабзода С.И.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе,
ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.:992(37)224-13-83.
e-mail: info@tgpu,tj

Имзои профессор С.И. Раҷабзодаро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

17.08.2026